# ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

Аз «10» 04 соли 2023, №37 ш. Душанбе

Дар бораи Оинномаи Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмони асосӣ ва корҳои таъмирӣ»

Мутобиқи моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ва сархати сеюми банди 10 Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, № 146 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Оинномаи Муассисаи давлатии « Раёсати сохтмони асосӣ ва корҳои таъмири»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Директори Муассисаи давлатии « Раёсати сохтмони асосӣ ва корҳои таъмири»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида дар муҳлати як моҳ Оинномаи муассисаро дар мақомоти ваколатдори давлатӣ ба қайд гирад.
3. Фармоиши вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2014, № 42 «Дар бораи Оинномаи Муассисаи давлатии « Раёсати сохтмони асосӣ ва корҳои таъмирӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит донистa шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Қ. Давлатзода вогузор карда шавад.

Вазир Г. Ҳасанзода

Замима
Бо фармоиши вазири меҳнат,муҳоҷират
ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «10»_____ соли 2023,
№ 37 тасдиқ шудааст

**ОИННОМАИ**

# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «РАЁСАТИ СОХТМОНИ АСОСӢ ВА КОРҲОИ ТАЪМИРИ» -И ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе – 2023

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмони асосӣ ва корҳои таъмирӣ» (минбаъд Муассиса) тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №146 «Дар бораи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба номгӯйи ташкилотҳои системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Вазорат) дохил мешавад.

1.2. Муассис ва соҳибмулки Муассиса Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Муассис) мебошад ва мақоми ҳамоҳангсози он ҳамчун мақоми ваколатдор дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №146 Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

1.3. Шакли ташкилию ҳуқуқиии Муассиса мутобиқи талаботи моддаи 132 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Муассиса шахси ҳуқуқӣ буда, дорои молу мулки алоҳида бо ҳуқуқи идоракунии оперативӣ, тавозун ва сметаи мустақил, суратҳисоби бонкӣ дар муассисаҳои бонкӣ, муҳр, штамп, ва шакли (бланк) фирмавӣ ва дигар нишонаҳое, ки қонунгузории амалкунанда пешбинӣ кардааст, мебошад.

1.4. Муассиса фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишу қарорҳо ва дастуру супоришҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Оинномa ба роҳ мемонад.

1.5. Муассиса аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ, субъекти дорои ҳуқуқҳои пурраи гражданӣ гардида, ҳамчун субъекти мустақил дар муомилоти гражданӣ иштирок менамояд, дар ихтиёри худ моликият, бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ва дигар ҳуқуқҳои амволӣ ва ғайриамволиро дошта, аз рӯйи ӯҳдадориҳои худ ба ин амвол масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои амволӣ ва шахсии ғайриамволиро ба даст оварда, ӯҳдадориҳоро қабул намояд, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад.

1.6. Номи пурраи Муассиса:

- бо забони давлатӣ: Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмони асосӣ ва корҳои таъмирӣ»;
- бо забони русӣ: Государственное учреждение «Управление капитального строительство и ремонтных работ».

1.7. Суроғаи ҳуқуқии Муассиса: шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А.Навой, 5/2.

## 2. Мақсад ва намудҳои фаъолияти Муассиса

2.1. Мақсади асосии фаъолияти Муассиса ҳамчун фармоишгар баромад намудан дар муносибатҳои гражданӣ оид ба сохтмон ё азнавсозии биною иншооти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоқикистон, инчунин иҷрои корҳои васл, танзиму истифодадиҳӣ ва дигар корҳои ба ҳам алоқаманди иншооти эъморшаванда иборат мебошад.

2.2. Барои ба амал баровардани мақсадҳои оинномавӣ Муассиса чунин намудҳои фаъолиятро мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ба амал мебарорад:

- таҳия намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ-харҷномавӣ барои сохтмон ё азнавсозии биною иншооти Вазорат ва дигар корҳои ба ҳам алоқаманди иншоот таъмиршаванда;

- таҳияи супоришҳои комплексии меъморию банақшагирӣ ва муҳандисӣ-техникӣ ҷиҳати тарҳрезӣ ва сохтмони (азнавсозии) биною иншоот ва ғайра;

- андешидани чораҳо оиди аз тарафи мақомоти ваколатдор гузаронидани тадқиқоти комплексии муҳандисию геодезӣ, геологӣ ва муҳандисию геологӣ, ки барои лоиҳакашӣ муҳиманд;

- омӯзиш, ҷамъбаст ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами ватанию хориҷӣ оид ба лоиҳакашӣ ва сохтмони иморатҳо бо мақсади ҳарчи зудтар дар лоиҳаҳо татбиқ намудани натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ҷорӣ намудани равобити бевосита бо ташкилотҳои соҳавӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ;

- амалӣ намудани назорати техникии сохтмон, рафт ва сифати сохтмон ҳамчун фармоишгар;

- амалӣ намудани дигар намудҳои фаъолияти марбут ба сохтмон ё азнавсозии биною иншооти Вазорат ва дигар корҳои бо ҳам алоқаманди иншооти эъморшаванда, ки хилофи қонунгузории амалкунанда намебошад.

## 3. Моликият ва воситаҳои Муассиса

3.1. Фаъолияти Муассиса мувофиқи нақшаи молиявие, ки аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, маблағгузорӣ карда мешавад.

3.2. Манбаъҳои ташкил ёфтани амволи Муассисаро фондҳои асосӣ ва воситаҳои гардишӣ ташкил медиҳанд.

3.3. Амволи Муассиса моликияти давлатӣ буда, ба он бо ҳуқуқи идоракунии фаврӣ вобаста карда шудааст.

3.4. Манбаъҳои ташкил ёфтани амвол ва воситаҳои Муассиса аз инҳо иборат аст:

- маблағҳое, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҷудо карда мешаванд;

- даромад аз ҳисоби тартиб додани харҷномаи таъмири биною иншооти Вазорат;

- дигар даромадҳо ва манбаъҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст (грантҳо, қарзҳо, маблағҳои хайриявӣ ва дигар маблағҳои моддию молиявӣ).

3.5. Муассиса воситаҳои пулии худро дар муассисаҳои бонкӣ нигоҳ медорад ва ҳама гуна фаъолиятҳои бонкиро мувофиқи талаботи қонунгузорӣ ба амал мебарорад.

3.6. Даромадеро, ки баъди пардохти андозҳо ва дигар маблағгузориҳои буҷавӣ, қарзҳои кредиторӣ, маблағҷудокунии меъёрӣ боқӣ мемонад дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор барои хароҷоти зерин истифода менамояд:

- ҳавасмандкунии моддӣ;

- афзун намудани воситаҳои гардиши худӣ;

- тараққиёти истеҳсолот, илму техника ва тайёр кардани кадрҳо.

3.7. Барои васеъ намудани фаъолияти оинномавии Муассиса, беҳтар намудани шароити иҷтимоӣ ва фаъолияти кормандони он, корҳоеро анҷом медиҳад, ки ба қонунгузории амалкунанда мухолиф нестанд.

3.8. Истифодаи маблағҳои ҷудогардидаи буҷетӣ ва дигар маблағҳои аз даромади Муассиса дар асоси сметаи хароҷоте, ки аз тарафи вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, амалӣ карда мешавад.

3.9. Даромадҳое, ки Муассиса аз иҷрои фаъолияти пешбининамудаи ҳамин оинннома, афзун гардидани арзиши муқарраршудаи иҷрои кор ва хизматрасониҳо, инчунин дар натиҷаи ба амал баровардани фаъолияти иқтисодӣ ба даст овардааст, тибқи талаботи қонунугузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебарад.

## 4. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Муассиса

4.1. Ҳангоми ба амал баровардани фаъолият ва мақсадҳои оинномавии худ Муассиса ҳуқуқ дорад:

- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолиятҳое, ки барои мақсадҳои оинномавӣ заруранд, машғул шавад;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонун амволеро, ки ба вай бо ҳуқуқи идораи оперативӣ вобаста шудааст, соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намояд;

- дар муассисаҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон суратҳисоб кушояд;

- ба биною иншооти сохташавандаи Вазорат, ки дар он ҳамчун фармоишгар баромад мекунад, ворид гардида, сифат ва миқдори корҳои сохтмониро, ки тибқи шартномаи пудратии сохтмон аз ҷониби пудратчӣ иҷро мешавад, назорат кунад;

- оид ба такмили талаботи лоиҳакашии меъёрӣ ҷиҳати беҳтар намудани сифати сохтмон, таъмир, конструксияҳо ва маснуоти бинокорӣ таклифҳо пешниҳод намояд;

- мутахассисони сохторҳои дахлдори давлатиро барои иштирок дар санҷишу корҳои сохтмону васлкунӣ, гузаронидани тадқиқоту озмоишҳо ҷалб намоянд;

- бароиислоҳи корҳои сохтмонӣ, масолеҳи пастсифат ва ислоҳу иваз намудани онҳо ба шахсони дахлдор дар доираи ваколатҳои муқарраргардида супориш диҳад ва иҷрои онҳоро талаб намояд;

- то бартараф намудани камбудию норасоиҳои ошкоргардида тибқи талаботи қонунгузорӣ идомаи сохтмон, инчунин маблағгузориро боздорад;

- барои намуди фаъолияте, ки иҷозатнома муқаррар шудааст, Муассиса баъди гирифтани чунин иҷозатнома ба он машғул мешавад.

4.2. Муассиса уҳдадор аст:

- талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя ва уҳдадориҳои шартномавиро иҷро намояд;

- супоришу дастурҳои Муассис ва мақоми ваколатдори онро мутобиқи тартиботи муқарраршуда иҷро намояд;

- истифодабарии мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, грантҳо ва дигар сармоягузориҳоро дар асоси талаботи қонунгузорӣ таъмин намояд;

- молу мулки дар ихтиёраш гузошташударо дар доираи муайяннамудаи қонун, мутобиқи мақсади фаъолияти хеш, супоришҳои молик ва таъиноти молу мулк истифода барад;

- барои пудратчӣ ҷиҳати иҷрои кор шароити зарурӣ фароҳам оварад, корро қабул кунад ва ба он нархи қайду шартшударо пардозад;

- дар ҳолати пешбининамудаи шартнома пудратчиро бо маводи сохтмонӣ, аз ҷумла ҷузҳо ва конструксияҳо, инчунин бо таҷҳизот таъмин намояд;

- ҳисоботи таъҷилӣ ва муҳосибавии натиҷаҳои фаъолиятро мутобиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунугузорӣ ва баҳисобгирии муҳосибавӣ ба мақомоти дахлдор супорад;

- мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти худ ба роҳбарияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ ҳисобот диҳад.

4.3. Муассиса ҷиҳати амалисозии мақсадҳои оинномавӣ тибқи шартҳо ва тартиби пешбининамудаи қонунгузориву шартномаҳои басташуда ҷавобгар аст. Муассиса барои уҳдадориҳои худтибқи талаботи моддаи 132 Кодекси граждании ба тамоми воситаҳои пулӣ масъул аст.

## 5. Идоракунии фаъолияти Муассиса

5.1. Мақомоти ҳамоҳангсози Муассиса Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор мақоми идоракунии болоии он мебошад.

5.2. Муассисаро сардор роҳбарӣ мекунад, ки аз ҷониби вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

Муовини сардор ва сармуҳосиби Муассиса бо пешниҳоди сардор аз ҷониби вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

5.3. Ба салоҳияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо дохил мешаванд:

- тасдиқ намудани Оинномаи Муассиса ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он;

- тасдиқ намудани басти вазифаҳо ва фонди музди меҳнати кормандони Муассиса дар доираи нишондиҳандаҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин сметаи хароҷоти таъминоти онҳо дар доираи маблағҳои ҷудогардидаи буҷетӣ барои давраи муайян дар буҷети давлатӣ пешбинишуда, назорати истифодаи самараноки ва мақсадноки молиявӣ;

- мутобиқи қонунгузории амалкунанда додани фармоишу супоришҳо, тасдиқ намудани дастурамалҳо, қоидаҳо ва меъёрҳоеро, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи кормандони Муассиса ҳатмӣ мебошанд;

- тасдиқ намудани нақшаи ҳарсолаи кории Муассиса;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида пешниҳод манзур намудан дар бораи таъсис, таҷдид ва барҳам додани Муассиса;

- таъин намудани санҷиши фаъолияти Муассиса;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

5.4. Ба ваколатҳои сардори Муассиса инҳо дохил мешаванд:

- ташкил намудани роҳбарии умумии фаъолияти Муассиса;

- аз номи Муассиса бе ваколатнома амал намудан, мувофиқи қонунгузории ҷорӣ идора кардани молу мулк ва маблағҳои Муассиса, дар мувофиқа бо Вазорат бастани қарордоду созишномаҳо;

- манфиатҳои Муассисаро аз рӯйи масъалаҳое, ки ба салоҳияти он дохил мешаванд, дар дигар мақомоти давлатӣ, созмонҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳимоя намудан;

- додани ваколатномаҳо, кушодани суратҳисоб ва дигар ҳисобҳо тибқи қонунгузорӣ дар бонкҳо;

- барои тасдиқ ба вазир пешниҳод намудани басти вазифаҳо, фонди музди меҳнати кормандон ва сметаи хароҷоти Муассиса;

- тибқи қонунгузорӣ ба кор қабул намудан ва аз кор озод намудани кормандони Муассиса, додани мукофот ва муҷозот ба онҳо;

- муайян намудани уҳдадориҳои вазифавии муовини сардор ва дигар кормандони Муассиса;

- дар доираи ваколатҳояш додани фармону супоришҳо, ки иҷрояшон барои ҳамаи кормандони Муассиса.

5.5. Ҳавасмандгардонии кормандони Муассиса мутобиқи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

5.6. Сардори Муассиса барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои ба зиммаи Муассиса гузошташуда масъулияти шахсӣ дорад.

5.7. Муассиса нақшаҳои фаъолияти сохтмонӣ ва хоҷагиро тартиб дода, барои тасдиқ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

## 6. Назорати фаъолияти молиявии Муассиса

6.1. Назорати фаъолияти молиявию хоҷагидории Муассиса аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

6.2. Истифодаи маблағҳое, ки ҷониби Муассиса дар мувофиқа бо мақоми ваколтдори соҳа сурат мегирад.

## 7. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Муассиса

7.1. Азнавташкилдиҳии (муттаҳид, ҳамроҳ, тақсим, ҷудо, табдил) Муассиса бо пешниҳоди вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

7.2. Муассиса тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад.

7.3. Ҳамаи воситаҳои пулии Муассиса, аз он ҷумла маблағҳое, ки аз капитализатсияи моликияти он баъд аз баробар кардани ҳисобҳо бо буҷа, кредитҳо, коллективи меҳнатӣ боқӣ мемонанд, ба ихтиёри пурраи Муассис мегузаранд.

## 8. Тартиби ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Муассиса

8.1. Оинномаи Муассиса ва дохил намудани тағйиру иловаҳо ба он аз тарафи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва ба амал бароварда мешавад.